# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИС

оид ба диссертатсияи номзадии Шарипов Хуршед Алихонович тахти унвони «Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ)

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои педагогӣ, профессор Алиев Сулаймон Нозимович, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Юлдошев Умарҷон Рахимҷонович ва доктори илмҳои филологӣ Рустамова Гуландом Рустамовна диссертатсияи номзадии Шарипов Хуршед Алихоновичро тахти унвони «Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)-ро тахти таҳлилу омӯзиш қарор дода, ба хулосаҳои зерин омаданд:

**Мубрамият, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии тадқиқоти мазкур** аз он далел бармеояд, ки давраи кунунии рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раванди иттилоотонии пуршиддати он тавсиф мешавад. Иттилоотонии таълим ҳамчун раванди ҳадафмандонаи таъмини таҳсилот бо методология, технология, таҷрибаи эҷод ва беҳтар истифода бурдани ҷанбаҳои илмию педагогӣ ва тарбиявӣ, ки ба татбиқи имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (минбаъд: ТИК) дар шароити муосир истифода мешаванд, арзёбӣ мегардад.

Имрӯз дар Тоҷикистон бештар таваҷҷӯҳ ба проблемаи информатизатсия ҳамчун самти асосии модернизатсияи низоми таҳсилот равона карда шудааст, ки акнун ҳамчун яке аз проблемаҳои асосии стратегии рушди тамаддун баррасӣ ва арзёбӣ карда мешавад. Доир ба проблемаи мазкур як қатор таҳқиқотҳои муҳим баррасӣ шудаанд, ки баҳри таъмини сифат ва

самаранокии таҳсилоти олии касбӣ равона карда шудаанд. Бо вуҷуди як силсилаи томи асарҳо, ки ба таҳқиқи истифодаи технологияи навин дар таълими фанҳои мухталиф дар макотиби олӣ бахшида шудаанд, дар илми педагогика ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ масъалаи дар омӯзиши забони англисӣ амалинамоии технологияҳои мултимедӣ дар доираи ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ба таври кофӣ ҳаллу фасли худро наёфтааст.

Ҳамин тариқ, коркарди нокифияи илмии проблемаи мавриди баррасӣ мавзӯи таҳқиқи диссертатсионии мазкурро муайян намудааст. Дар интихоби мавзӯи мазкур унвонҷӯ муайян намудани чанд мухолифатҳое, ки аҳамияти муҳим дошта, хоси раванди таълиму тарбияи муосир мебошанд, баррасӣ намудааст.

**Ҳадафи таҳқиқот** иборат аз он аст, ки самаранокии методикаи омӯзиши забони англисӣ дар асоси технологияи мултимедӣ аз лиҳози назариявӣ асоснок карда шуда, аз нигоҳи амалӣ, яъне дар раванди кори таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷида шавад.

**Объекти таҳқиқотро** раванди педагогии таълими забони англисӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ташкил додааст.

**Мавзӯи таҳқиқотро** шароитҳои лингводидактикии такмили сифати омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисоси гуманитарии макотиби олӣ муайян кардааст.

Дар заминаи ҳадаф, объект ва мавзӯи тадқиқот дар рисолаи худ унвонҷӯ тавонистааст, ки як қатор вазифаҳои илмӣ-таҳқиқотиро мавриди омӯзиш қарор бидиҳад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар комёбӣ ба натиҷаҳои дар диссертатсия интишоршуда** аз зайл иборат аст: аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани ғояҳо ва мулоҳизаҳои асосии диссертатсия, коркарди амсилаи консептуалӣ, ки

имкон додааст дар заминаи муносибатҳои босалоҳият нисбати таълим, шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ, таҳсилоти фосилавӣ, назария ва амалияи вориднамоии ТИК-и муосир, ҳамчунин технологияҳои сайёру мултимедӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ, проблемаи методҳои омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (Самти «Таърих ва ҳуқуқ»), инчунин кори таҳқиқотӣ, тафсир ва санҷиши натиҷаҳои комёбгашта самарабахш омӯхта шавад.

Саҳми шахсии унвонҷӯ инчунин дар он ифода меёбад, ки мавсуф КМТ, силлабус ва нақшаи нави таълимиро оид ба курси “Забони англисӣ барои факултетҳои таърих ва ҳуқуқ” коркард ва ба ҷараёни таълим ворид намудааст. Дар интихоби усулҳо ва тарзҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди омӯзиши касбӣ, дар амалигардонӣ ва роҳнамоии бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, дар мустақилона ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ ва мақолаҳо ширкат варзидааст.

Таҳқиқотидиссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборатаст. Мӯҳтавои диссертатсия дар 165 саҳифаи чопи компютерӣ иншо гардидааст.

Дар **муқаддима** муҳимияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шудааст, проблема, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаҳо баён шудаанд, асосу заминаи назариявӣ-методологии тадқиқот пешкаш гаштааст, заминаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ нишон дода шудааст, навгониҳои таҳқиқот кушода дода шуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор зикр гаштааст, инчунин мулоҳизаҳои барои ҳимоя пешниҳодгашта ба расмият дароварда шудаанд.

**Боби аввали диссертатсия** таҳти унвони «Асосҳои назариявии таълими забони англисӣ дар асоси технологияи мултимедӣ» масъалаҳои вобаста ба

паҳлӯҳои назариявии истифодаи технологияҳои сайёру мултимедиро зимни таълими забони хориҷӣ фаро мегирад.

**Боби дуввуми диссертатсия** – «Шароитҳои экспериментали таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ» иборат аз баррасию таҳқиқи ҷанбаю паҳлӯҳои амалию таҷрибавии омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ дар заминаи технологияҳои сайёру мултимедӣ мебошад.

**Дар хотима** натиҷаҳои пажӯҳиши сомондодашуда, маълумоти назариявӣ ва натиҷаҳои таълими таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷамъбаст карда шуданд, хулосаҳо бароварда шуда, тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Х.А. анҷомёфта буда, дар коркард ва такмили назария ва амалияи таҳсилот дар мактаби олӣ ва омодагии касбии омӯзгорони саҳмгузор аст.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, сатҳи диссертатсия, мутобиқат ба нишонаҳои тахассусӣ.**

Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро инҳо таъмин менамоянд: истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии тадқиқот; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии пажӯҳиш, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгоранд; таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қавоиде, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи пажӯҳиш ба миён гузошта шудаанд; санҷиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии педагогии муаллифи диссертатсия.

**Эродҳо дар маҷмӯъ оид ба рисолаи таҳқиқотӣ.**

Бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯи мутолиаи автореферат ва диссертатсия баъзе эродҳо пешниҳод мегарданд, ки муаллиф онҳоро бояд ба эътибор гирад:

1. Ҳаҷми автореферат бо шрифти 14,0 фосилаи 1,0. 70 саҳифаро ташкил

додааст, ки аз меъёри талабот хеле зиёд аст. Ҳангоми ба формати А5 табдил додани матн ҳаҷми автореферат набояд аз 1,5 ҷузъи чопӣ зиёд бошад.

2. Дар матни автореферат баъзе хатоиҳои чопӣ, имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

3. Дар диссертатсия рӯйхати адабиёти истифодашударо ба низом оварда, фосилаи байни сарчашмаҳоро 1,5 бояд гузошт.

4. Дар хотимаи рисола, яъне баъди рӯйхати адабиёти истифодашуда интишороти унвонҷӯ бояд оварда шавад.

Эродҳои зикрёфта аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо коста гардонида наметавонанд, онҳо ислоҳпазиранд.

**Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада.**

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 12 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла 4 мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра дар бар мегиранд. Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқоти анҷомёфта ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба роҳҳои самараноки дар таълими забони англисӣ истифода бурдани воситаҳои технологияи мултимедӣ ва дар ин замина рушди маҳорати муоширати касбии омӯзгорони ояндаи фанҳои таърих ва ҳуқуқ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад. Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд

**Мутобиқати диссертатсия ба шифри ихтисос.**

Кори диссертатсионии Шарипов Х.А. таҳти унвони "Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ

(самти «Таърих ва ҳуқуқ»)", ба шифри 13.00.02- Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаиомӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Ҳамин тариқ, комиссияи ташхис ба хулоса меояд, ки вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри тадқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи "Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)", ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти рақами № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Шарипов Хуршед Алихонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаиомӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Раиси комиссияи ташхисӣ:-
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Алиев С.Н.

Аъзои комиссияи ташхисӣ:-
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Юлдошев У.Р.

Аъзои комиссияи ташхисӣ:-
доктори илмҳои филологӣ Рустамова Г.Р.

*Имзоҳои проф. Алиев С.Н., Юлдошев У.Р.*
*ва Рустамова Г.Р. тасдиқ мегардад.*
*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои*
*махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ* *Д.К. Назаров*

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС